Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қаюмӣ Ш.Т. ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқат менамояд: 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиққунии амалии онҳо. 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ. 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ. 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии

фаъолияти инноватсионӣ. 1.15. Таҳқиқи самтҳо ва воситаҳои рушди созмондиҳии нави технологии низомҳои иқтисодӣ. Коркарди стратегияи рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки инноватсия ба яке аз омилҳои калидии рушди устувори соҳаи саноат табдил ёфтааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати афзоянда, маҳз навовариҳои технологӣ, ташкиливу идоракунӣ ва институтсионалӣ имкон медиҳанд, ки иқтисоди миллӣ қобилияти мутобиқшавӣ ва рақобатпазирии худро нигоҳ дорад.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон инноватсия дар соҳаи саноат хусусияти стратегии хос касб намудааст. Сохтори саноати кишвар асосан ба коркарди ибтидоии ашёи хом, истихроҷи маъдан, истеҳсоли алюминий, неруи барқ ва саноати хӯрокворӣ такя мекунад, ки ин сатҳи пасти арзиши иловашуда ва вобастагии иқтисодро аз бозорҳои хориҷӣ инъикос менамояд. Дар чунин вазъият, ҷорӣ намудани инноватсияҳои технологӣ, аз ҷумла технологияҳои коркарди амиқи ашёи хом, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва истифодаи моделҳои кластерии рушд, метавонад омили калидии баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии саноати миллӣ гардад.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси таҳлили амиқи назариявӣ ва таҷрибаи амалии мавҷуда равишҳои муосири ташаккул ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи саноатро муайян намуда, пешниҳодҳои илмӣ-амалиро ҷиҳати такмили системаи идоракунии инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти саноатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ асоснок намояд. Аз нигоҳи илмӣ, кори мазкур бо дараҷаи баланди навгонӣ, асоснокии назариявӣ ва аҳамияти методологӣ фарқ намуда, ба таҳияи масъалаҳои муҳимми рушди инноватсионии соҳаи саноат дар шароити

саноатикунонии босуръат равона гардидааст. Дар таҳқиқот равишҳои муосири иқтисодию назариявӣ ва методҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ ва институтсионалӣ истифода шуда, имкон фароҳам оварда шудааст, ки қонуниятҳо ва тамоюлҳои асосии ташаккул ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва илмӣ асоснок карда шаванд.

Ин ва дигар далелҳои назариявӣ ва амалии мавҷуда зарурати интихоб, таҳия ва омӯзиши мавзӯи диссертатсияро муайян менамоянд. Ҳадафи таҳқиқот аз асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мукаммалгардонии механизмҳои системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, ки дар шароити рушди босуръати инноватсионӣ ва трансформатсияи рақамии иқтисодиёт ба талаботи замони муосир мутобиқ гарданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқот барои таҳкими сиёсати давлатии инноватсионӣ, таъмини рақобатпазирии саноати миллӣ ва рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти махсус дошта, натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои тадқиқоти минбаъда, инчунин барои такмили сиёсати давлатии саноатӣ ва инноватсионӣ истифода шаванд.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Аз таҳлили натиҷаҳои диссертатсия бармеояд, ки дар кори анҷомдодашуда як қатор навгониҳои илмӣ ба даст оварда шудаанд, ки эътимоднокии онҳо бо далелҳо исбот гардидааст. Ҳамзамон, ин навгониҳо дар таҳкими асосҳои методологии идоракунии рушди инноватсионии саноат, такмили механизмҳои институционалӣ ва иқтисодии татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ ва ҳамгироии технологияҳои рақамӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории иқтисодиёти миллии кишвар равона шудаанд. Аз ҷумла:

– мушаххас намудани мавқеъ ва ҷойгоҳои фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии рушди соҳаи саноат бо такя ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявии он. Дар ин раванд идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ таъриф дода шудааст, ки он ҳамчун маҷмуи истифодаи роҳу усулҳои инноватсиониро дар бар гирифта, татбиқи онҳо дар низоми саноатӣ самаранокии онро дар шароити бозор таъмин намуда, онро ба самти мақсаднок равона менамояд;

– асоснок кардани роҳу усулҳо идоракунии рушди инноватсионии саноат бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва татбиқи онҳо дар шароити Тоҷикистон. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки минбаъ зарур аст, ки ба таъсиси кластерҳои саноатӣ, комплексҳои саноатӣ ва дигар инфрасохтори саноатие, ки дар заминаи принсипҳои инноватсионӣ таъсис дода шуда, фаъолияти он идора карда мешавад, диққати махсус дода шавад;

– гурӯҳбандии принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноатӣ: самаранокӣ, систематикӣ, таъминоти кадрӣ, мутобиқшавӣ, давомнокӣ, идоракунии хавфҳо, таъмини захираҳо, ҳамкорӣ ва ошкорбаёнӣ, таъминоти инфрасохторӣ, тавaҷҷуҳи муштариён, таъминоти моддию техникӣ. Принсипҳои мазкур барои идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, онро ба сатҳи нави муносибат дар шароити бозор мебарорад;

– асосноккунии ҷанбаҳои методии идоракунии рушди инноватсионии саҳаи саноат бо тавaҷҷуҳ ба муайян намудани нишондиҳандаҳои асосӣ ва усулҳои арзёбии рушди инноватсионии низоми саноатӣ;

– дида баромадани имкониятҳои рушди инноватсионии соҳаи саноат бо тавaҷҷуҳ ба муайян намудани талаботи соҳа ба захираҳои кадрӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои таъмини ба он;

– мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор додани сохтори институтсионалии идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ миллӣ бо тавaҷҷуҳ ба муайянсозии нақши ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ин самт;

– мушаххас кардани нақши давлат ҳамчун субъекти раванди инноватсионӣ дар идоракунии рушди низоми саноатӣ ва пурзӯр намудани кори сохторҳои таркиби он дар заминаи гузаштан ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ ва таҳияи асосҳои консептуалии рушди он;

– ошкор намудани мушкилоти саноати миллӣ дар раванди гузариш ба модели инноватсионии рушд бо роҳи таҳлили ҳамаҷонибаи имконият ва монеаҳо дар ин раванд, ки бартараф намудани онҳо рушди устувори соҳаи саноати миллиро дар шароити маҳдудияти захираҳо ва афзоиши рақобати бозорӣ таъмин менамояд;

– рушди ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба тавсеаи шарикии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор асоснок карда шудааст. Татбиқи консепсияи пешниҳодшудаи муаллиф (Консепсияи рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи саноат) дар шароити Тоҷикистон як падидаи нави иқтисодӣ буда, он метавонад дар раванди идоракунии инноватсионии соҳаи саноат ва рушди “сабз”-и он нақши ҳалкунанда гузорад;

– самтҳои афзалиятноки идоракунии рушди инноватсионии системаи миллии саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба рақамикунонии раванди тавлиди молу маҳсулот ва мутобиқгардонии он бо принсипҳои иқтисоди “сабз” пешнишод карда шудаанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки аз як тараф, рушди инноватсионии низоми саноати миллӣ таъмин гардад ва аз ҷониби дигар, сохтори истеҳсолии кишвар марҳала ба марҳала ба талаботи экологӣ, ҳамчун Ҳадафи Рушди Устувор, (ҲРУ) мутобиқ гардонида шавад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ворид кардани муайянӣ ба моҳият ва сохтори низоми инноватсионии саноатии кишвар ҳамчун объекти идоракунӣ, ки аз маҷмуи институтҳои инфрасохториву ташкилӣ, сохторҳо, ташаббусҳо, ки барои тарғибу паҳнкунӣ ва рушди навоварию ихтироотро дар бахши саноатии иқтисодиёт мусоидат менамояд, инчунин, коркарди асосҳои назариявии механизмҳои идоракунии ин низом, мебошад;

2. Асосноккунии муҳиммияти таъмини институтсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки системаи ҳавасмандиву маъсулиятро дар ин ҷода неру мебахшад, инчунин, дар ҳошияи омузиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ коркарди самтҳои такмили механизмҳои идоракунии рушди инноватсия дар самти таҳким додани инфрасохтори инноватсионии саноат ва дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ дар кишварҳои хориҷӣ асоснок намудани роҳҳои ҳалли як қатор мушкилот дар ин роҳ мебошад;

3. Коркарди асосҳои методологии ташаккулёбии низоми идоракунии рушди инноватсионӣ дар саноат ва асоснокунии меъёрҳои (критерияҳои) идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат. Ин асосҳо ки бо истифода аз технологияи муосир ва муносибатҳои иқтисодии нав таҳия гашта, вазифаҳои идоракуниро дар самти ташаккул ва амалӣ кардани ғояҳои нав ва татбиқи технологияҳои навинро барои беҳтар намудани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити глобалӣ, технологӣ ва бозорӣ неру мебахшад;

4. Принсип ва шартҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки равиши системавиро дар идоракунии равандҳои инноватсионии соҳаҳои саноат инъикос менамоянд. Ин принсипҳо дар мавриди таҳрезии сохтори институтсионалии низоми идоракунии рушди инноватсионии саноат қарор мегиранду ба баланд гардидани сатҳи рақобатпазирӣ, устуворӣ ва мутобиқшавии соҳаи саноат ба шароити бозор мусоидат менамоянд.

5. Арзёбии вазъи муосир ва қонуниятҳои рушди соҳаҳои саноат ва тамоюлҳои рушди инноватсионии он, тағйироти сохтории соҳаи саноат ва ташаккулу рушди инфрасохтори инноватсионӣ, ҳамчунин, ниҳоди иқтисодиву ташкилии идоракунии рушди инноватсионӣ. Коркарди тавсияҳо ҷиҳати таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои саноати коркард, ки ба пайдо гардидани ҷойҳои нави корӣ ва арзиши иловагӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

6. Арзёбии тарафҳои мусбату манфии консепсияҳои муосири ҳамгироии саноатӣ ва коркарди консепсияи ҳамгироии инноватсионӣ, унсур, мақсад ва афзалиятҳои асосии он дар саноат. Ҳамчунин, тавсифи сохтори муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот, ҳамчун механизм ва омили муҳимми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатӣ дида баромада шудааст.

7. Асоснокунии самтҳои асосии такмили низоми идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи мукаммалгардонии механизмҳои ташкиливу иқтисодии рушди инноватсионӣ ва технологии соҳаи саноат дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ. Асоси ин равандро таъмини иттилооттии ҷараёнҳои идоракунӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ, ки ба баланд гардидани самаранокии идоракунӣ ва суръат бахшидани рушди инноватсионии саноат мусоидат мекунанд, ташкил медиҳад.

8. Мукаммал гардонидани механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноат бо дарназардошти мутобиқ намудани онҳо бо принсипҳои иқтисодиёти "сабз", ки имкон медиҳанд дар кишвар устувории экологӣ мувофиқ бо Ҳадафҳои Рушди Устувор ҳифз карда шавад.

9. "Консепсияи рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи саноат" санаде мебошад, ки он дар асоси барномаву стратегияҳои рушди инноватсионии саноат, ки дар он муносибати ҳамаҷониба ва иштироки тамоми ҷонибҳои манфиатдор (сохторҳои давлатӣ, соҳибкорӣ, илм ва ҷомеа) қарор гирифта, барои коркарди механизмҳои ташкиливу иқтисодӣ ва институтсионалии рушди инноватсионӣ мусоидат менамояд;

10. Коркарди муаллифии харитаи роҳ дар соҳаи саноат метавонад ҳамчун роҳнамои асосӣ барои гузариш ба иқтисоди «сабз» хидмат намуда, ба шароит ва имкониятҳои миллӣ ва байналмилалӣ мутобиқ гардида, инчунин, барои ҷорӣ кардани таҷрибаҳои беҳтарин дар рушди иқтисодии кишвар истифода мешавад.

Бо ин навовариҳо ва равишҳои муосир, диссертатсия на танҳо арзиши баланди илмӣ дорад, балки дорои аҳамияти амалӣ ва стратегӣ барои рушди соҳаи саноат ва идоракунии инноватсионӣ мебошад.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Дастовардҳои илмии диссертатсия ва хулосаю пешниҳодҳои дар он дарҷгардида, дорои арзиши баланди асоснокӣ ва эътимоднокӣ мебошанд. Дарвоқеъ, эътимоднокии онҳо асосан ба истифодаи маҷмӯи васеи манбаъҳои иттилоотӣ такя мекунад, ки аз ҷумла: санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои даврӣ ва монографияҳо, маводи конфронсҳо, семинарҳои илмию амалӣ ва ҳамоишҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, захираҳои иттилоотии интернет, мизҳои гирд ва ҳисобҳои мустақими муаллиф, инчунин, таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ иборат мебошанд.

Муҳаққиқ барои ноил шудан ба ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия ва таҳияи пешниҳодҳои муфид усулҳои диалектикӣ, илмӣ–мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ, оморӣ, иқтисодӣ ва дигар усулҳои дахлдорро истифода кардааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои калидии рушди рақобатпазирии саноати Тоҷикистон идоракунии инноватсионӣ мебошад. Дар солҳои охир ба ин самт таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад, зеро рушди инноватсионӣ имкон медиҳад, ки саноат ба талаботи иқтисодиёти муосир мутобиқ шавад, рақобатпазирии корхонаҳо афзоиш ёбад ва иқтидори содиротӣ тақвият гирад. Аз ин ҷиҳат, эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо баланд арзёбӣ мешавад ва барои татбиқи сиёсати инноватсионӣ дорои асоснокии илмию амалӣ мебошанд.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Таҳқиқот аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад ва дар таҳияи муқаррароти илмӣ-назариявӣ ва методологӣ нақши муҳим мебозад. Аз ҷиҳати назариявӣ, тадқиқот моҳият ва мазмуни иқтисодии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро равшан мекунад, заминаҳои консептуалии рушди инноватсионӣ таҳким мебахшад. Илова бар ин, аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснокшудаи он метавонанд ба таври амалӣ истифода шаванд. Зеро истифодаи тавсияҳои таҳқиқотӣ метавонад самаранокии идоракуниро такмил диҳад, муҳити сармоягузорӣ ва ҷалби технологияҳои пешрафтаро беҳтар созад ва истифодаи захираҳои давлатиро самаранoктар гардонад. Ин тадбирҳо ба рушди истеҳсолот, инноватсия ва фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда, дар шароити ноустувории глобалӣ иқтидори инноватсионии саноат ва иқтидори иқтисодии кишварро тақвият мебахшад.

Қобили қайд аст, ки амалӣ намудани механизмҳои таҳияшуда барои таълими равандҳои инноватсионӣ ва сиёсати саноатӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд ва малакаҳои тадқиқотии мутахассисонро таҳким мебахшанд. Ин тадқиқот ҳамчун асос барои таҳияи тадбирҳои муассири рушди индустриалӣ ва инноватсионӣ хизмат намуда, метавонад дар омӯзиши фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Иқтисоди корхона» ва курсҳои махсуси сиёсати саноатӣ ва инноватсионӣ истифода шавад.

Албатта, сохтори кори диссертатсионӣ мутобиқи ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот таҳия гардида, пайдарпайии мантиқии қисматҳо ва робитаи мутақобилаи онҳо таъмин карда шудааст. Ҳар як бобу зербоб ба таври низомнок масъалаҳои алоҳидаро мавриди баррасӣ қарор дода, дар маҷмӯъ ба ноил шудан ба ҳадафи умумии таҳқиқот равона гардидааст. Чунин сохтор имкон фароҳам овардааст, ки масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ дар робитаи зич таҳлил карда шавад. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Кор аз 396 саҳифа, 27 ҷадвал, 35 расм, 9 диаграмма ва 320 номгӯйи адабиёти истифодагардида иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъ асоснок шуда, дараҷаи коркарди масъала, ҳадафу вазифаҳо, объекти омӯзиш, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот шарҳ дода шудаанд.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»** асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноатӣ, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва сохтори системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, инчунин, таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки Татбиқи стратегияи мукаммал барои дастгирии молиявӣ ва муҳити мусоид барои технологияҳои нав метавонад рушди устувори саноатро таъмин намояд (саҳ.45). Ба андешаи муаллиф, Таъмини рақобатпазирии маҳсулот дар бозор ба ҷорӣ намудани технологияи нав ва муносибати инноватсионӣ дар истеҳсолот вобастааст (саҳ.57-58). Яъне Яке аз мушкилоти асосии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат ташкили самараноки фаъолияти идоракунии инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

**Дар боби дуюм - «Ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»** асосҳои методологии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат дар заминаи аниқ намудани принсипҳои асосӣ ва шароитҳо, ки барои баланд бардоштани самаранокии он ва таҷдиди ҷузъи институтсионалии он зарур мебошад, дида баромада шудааст.

Муаллифи диссертатсия бо такя ба меъёрҳои идоракунии соҳаи саноат, нишондиҳандаҳои идоракунии рушди инноватсионӣ барои таҳлил ва мониторинги равандҳои инноватсиониро хеле муҳим медонад (саҳ.89). Илова бар ин, корхонаҳо бояд ба рушд ва таҳияи навоварӣ – аз таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи маҳсулоти нав то ташкил ва омӯзиши неруи кории мутобиқ ва омодасозии муҳити кории созанда дар тамоми сатҳҳо таваҷҷуҳ намоянд.

**Дар боби сеюм – «Вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди инноватсионии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, системаи муосири идоракунии рушди равандҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ карда шуда, усулҳои арзёбии самаранокии системаи идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ асоснок гардидаанд.

Дар ин боб муаллиф таъсис додани кластери инноватсионии соҳавӣ мувофиқи мақсад медонад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд менамояд, ки арзёбӣ ва таҳлили системаи идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ як василаи муҳимми стратегӣ барои таҳкими рақобатпазирӣ, беҳтар намудани иҷро ва мусоидат ба тараққии устувор дар сатҳи макро ва микроиқтисодӣ мебошад (саҳ.186). Чунки арзёбии самаранокии системаи идоракунии рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ як ҷанбаи муҳим ва мураккаб аст, ки барои дарк кардани мавқеи корхона дар муҳити рақобатӣ ва дастёбӣ ба муваффақиятҳои устувор зарур мебошад.

**Дар боби чаҳорум – «Нақши ҳамгироии инноватсионӣ дар раванди идоракунии рушди системаи саноатӣ»** афзалият ва камбудиҳои консепсияҳои муосири ҳамгироии инноватсионӣ муаян карда шуда, вазъи муосири раванди ҳамгирой дар саноати Тоҷикистон, инчунин, ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун консепсияи муосири идоракунии рушди инноватсионии системаи саноатӣ, мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф исбот намудааст, ки яке аз шаклҳои маъруфи ҳамгироии инноватсионӣ шарикии сегонаи илм, таҳсилот ва соҳибкорӣ мебошад. Тадбиқи амсилаи мазкур дар соҳаи саноат тақозо менамояд, ки ба омодасозии мутахассисони соҳибкасб таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Барои ин ҳамкории фаъоли донишгоҳҳо бо корхонаҳо зарур мебошад (саҳ.266). Ҳамчунин ба ақидаи муаллиф ҳамкории зичи байни ин се соҳа ҷиҳати табодули таҷриба, муошират ва татбиқи амалии навоварӣ шароит фароҳам меоварад, ки рушди устуворро дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъмин месозад.

**Дар боби панҷум – «Самтҳои асосии такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** самтҳои афзалиятноки такмили раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар заминаи истифодаи технологияи рақамӣ ва принсипҳои иқтисодиёти “сабз” асоснок карда шудааст.

Диссертант қайд кардааст, ки вобастагии технологӣ аз воридоти таҷҳизоту технологияи муосир фиҳати тақвияти фаъолнокии инноватсионӣ дар рушди технологӣ, метавонад яке аз омилҳои калидӣ дониста шаванд. Чунки сатҳи тахассусии кадрии кормандони корхонаҳо ба малакаи дониши онҳо вобастагӣ дошта, ба самаранокии фаъолият таъсиргузор мебошад (саҳ.287). Дар асоси таҳқиқи марҳалаҳо муаллиф хулоса намудааст, ки рақамикунонии соҳаи саноат раванди мураккаб ва пайдарҳам буда, рушди босуръати он зарурати таъсиси экосистемаҳои рақамиро тақозо менамояд, ки он ба беҳтар намудани самаранокиии идоракунии системаи миллии саноатӣ, беҳтар намудани робитаи мутақобила дар байни субъектҳои соҳа (давлат, корхонаҳо, донишгоҳҳо, шарикони рушд ва ғ.) мусоидат менамояд (саҳ.299).

**Дар хулоса ва пешниҳоди** истифодабарии амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда муаллиф қайд менамояд, ки рушди устувор ва рақобатпазири соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба самаранокии идоракунии рушди инноватсионии он вобаста мебошад. Дар шароити иқтисодиёти муосир, ки ба дониш, технология ва рақамисозӣ такя мекунад, зарур аст, ки системаи саноати миллӣ ба талаботи нави илмӣ-техникӣ ва бозорӣ мутобиқ гардонида шавад.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Бар асоси маводи диссертатсия, дар маҷмӯъ 62 кори илмӣ нашр шудаанд, ки аз онҳо 1 монография ва 39 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой доранд. Илова бар ин, мақолаҳои муаллиф ба таври васеъ иқтибосҳои илмиву

хулосаҳо ва пешниҳодҳои мавҷуда дар диссертатсияро инъикос мекунанд. Таҳқиқоти бадастомада нишон медиҳад, ки рушди саноат ва иқтисоди миллӣ бо омилҳои инноватсионӣ, рақамисозии иқтисодӣ, технологияҳои сабз ва механизму ҳамгироии экосистемаҳои саноатӣ алоқамандии зич дорад.

## 7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҳамзамон дар диссертатсия баъзе норасоиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб низ мавҷуд мебошад:

1. Дар қисмати назариявии диссертатсия муаллиф нақшаи сохтории раванди инноватсионии соҳаи саноатро (Расми 1.1.2.) дида баромадааст. Аммо, аз нигоҳи мо, дар инҷо сохтори минтақавии саноати миллӣ аз таваҷҷуҳи муаллиф дур мондааст.

2. Хуб мешуд, агар диссертант сатҳи таъсиррасонии параметрҳоро ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дида мебаромад. Ҳарчанд, ки муаллиф равиши инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро дар расми 1.2.2. пешниҳод намудааст, ки воқеан аҳамияти баланди илмӣ дорад.

3. Агар муаллиф дар ин самт вобаста ба рушди инноватсионӣ таҳқиқот гузаронида ва натиҷаи онро дар шакли ҷадвал омода ва пешниҳод менамуд, масъалаи мазкур боз ҳам беҳтару хубтар ҳалли худро меёфт.

4. Кор бурд мекард, агар муаллиф омилҳои дохилӣ ва берунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро (Расми 2.1.4., саҳ.95) дида баромадааст, бо иловаи таҳлили омилҳои ташкилӣ-идоракунӣ онро асоснок менамуд.

5. Мазмун ва мундариҷаи боби дуюм ва зербобҳои он ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дар баробари асосҳои методологияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ҷанбаҳои методологии арзёбии таъсири соҳаи саноат ба муҳими зистро асоснок ва пешниҳод менамуд.

6. Дар ҷадвали 2.2.1. Принсипҳои муосири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат оварда шуудааст (саҳ.111). Ба андешаи мо, хуб мешуд агар дар инҷо принсипҳои таъминоти кадрӣ, инфрасохторӣ ва дигар илова мегардид.

7. Ба андешаи мо, дар баъзе аз бахшҳои диссертатсия талаботи техникӣ риоя нашудааст, ки ин метавонад ба имкониятҳо ва шароити мавҷуда вобаста бошад.

Мусаллам аст, ки диссертатсияи Муртазозода Ораз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, камбудиҳои ҷойдошта арзиши илмию амалии таҳқиқотро кам намекунад ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

## 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсия ва автореферати Муртазозода Ораз мазмуни асосии таҳқиқоти илмиро пурра инъикос намуда, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби доданаи дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, дар онҳо сохтори муқарраргардида, муҳимтарин қисматҳо, аз лиҳозӣ муқаддима, бобҳои асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, руйхати адабиётҳо ва замимаҳо риоя карда шудааст. Илова бар ин, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас баён карда шудаанд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Умуман, таҳлили ҳамаҷонибаи диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» таҳқиқоти анҷомшуда ба ҳисоб рафта, аз лиҳози мазмун, сохтор, дараҷаи коркарди назариявию методологӣ ва аҳаммияти амалӣ дорои сатҳи баланди илмӣ ба талаботи муқарраршудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби доданаи дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ” аз 30 июни соли 2021, №267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф тавонистааст, ки асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро амиқ таҳлил намуда, равишҳои муосири илмиро бо таҷрибаи амалии ватанӣ ва хориҷӣ ҳамоҳанг

намояд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бар пояи таҳлили васеи иттилоотӣ, усулҳои муосири илмӣ ва маълумоти боэътимоди оморӣ таҳия гардида, эътимоднокӣ ва қобилияти татбиқи амалӣ доранд.

Бо дарназардошти маҷмӯи натиҷаҳои бадастомада, муаллифи он Муртазозода Ораз сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
Директори МД "Маркази такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони низоми меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаюмӣ Ш.Т.

Имзои Ш.Т.Қаюмиро тасдиқ мекунам:

Мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқ Султонова С.М.

Суроға: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, н. Сино, кучаи Борбад 71, Email: mti-2015@mail.ru